# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисон ва ташаккули салоҳиятҳои зарурии онҳо дар раванди таҳсилоти олӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, густариши робитаҳои байналмилалӣ ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии илму маориф зарурати аз нав дида баромадани мақсад, мазмун ва усулҳои таълими забонҳои хориҷиро тақозо менамоянд.

Дар ин замина омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи муоширати байналмилалӣ ва дастрасӣ ба захираҳои муосири илмӣ, иттилоотӣ ва касбӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ аҳамияти рӯзафзун дорад. Донишҷӯёни соҳаҳои иқтисод, ҳуқуқ, тиб, технология, муҳандисӣ, педагогика, кишоварзӣ ва дигар самтҳои ғайризабонӣ дар фаъолияти минбаъдаи касбии худ ба истифодаи забони англисӣ барои дарёфт ва коркарди иттилооти касбӣ, муоширати байнифарҳангӣ, иштирок дар ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди минбаъдаи касбӣ ниёз доранд. Аз ин рӯ, омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ набояд танҳо ба азхудкунии маҷмӯи донишҳои грамматикӣ ва луғавӣ маҳдуд гардад, балки бояд ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ ва коммуникативии донишҷӯ равона карда шавад.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна пеш аз ҳама бо зарурати гузариш аз муносибати анъанавии донишмеҳвар ба муносибати салоҳиятнок дар таълими забони англисӣ алоқаманд мебошад. Дар доираи муносибати мазкур натиҷаи таълим танҳо аз рӯи ҳаҷми донишҳои азхудкардаи донишҷӯ муайян карда намешавад, балки қобилияти ӯ барои истифодаи амалии дониш, мустақилона ҳалли масъалаҳои маърифатӣ, муошират намудан ва татбиқи забони англисӣ дар фаъолияти таълимӣ ва касбӣ низ ба назар гирифта мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар амалияи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз масъалаҳои назариявӣ ва методии марбут ба ташаккули ҳамгирои салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Мушкилот, аз ҷумла, дар номувофиқии байни талаботи муосир ба сатҳи омодагии забонии мутахассиси оянда ва усулҳои анъанавии таълим, байни зарурати истифодаи забони англисӣ дар фаъолияти маърифатӣ ва касбӣ ва маҳдуд будани таҷрибаи татбиқи чунин муносибат дар раванди таълим, инчунин байни имкониятҳои васеи технологияҳои муосири таълимӣ ва истифодаи нокифояи онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои мазкур зоҳир мегардад.

Муҳимияти масъала инчунин ба зарурати таҳияи заминаҳои назариявию лингводидактикии таълими забони англисӣ бо назардошти хусусиятҳои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ вобаста мебошад. Ин гурӯҳи донишҷӯён аз ҷиҳати ҳадафҳои касбӣ, сатҳи ибтидоии дониши забонӣ, эҳтиёҷоти коммуникативӣ, муҳтавои фаъолияти таълимӣ ва муносибат ба омӯзиши забони хориҷӣ аз донишҷӯёни ихтисосҳои забонӣ фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, таҳияи модели мақсаднок, мазмун, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои самараноки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ бо дарназардошти шароити воқеии таҳсилоти олии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳими лингводидактика ба ҳисоб меравад.

Ҷанбаи дигари мубрамияти таҳқиқоти Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар зарурати мутобиқ намудани дастовардҳои муосири лингводидактика, психологияи таълим, педагогикаи салоҳиятнокӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ба шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Татбиқи муносибати салоҳиятнок дар таълими забони англисӣ бояд на танҳо ба натиҷаҳои забонӣ, балки ба ташаккули қобилияти мустақилонаи донишҷӯ барои омӯзиш, ҳалли масъалаҳои маърифатӣ, кор бо иттилооти касбӣ ва истифодаи забон дар вазъиятҳои воқеии муошират мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна маҷмӯи омилҳои зерин муайян менамояд: аз як тараф, талаботи афзояндаи ҷомеа ва бозори меҳнат ба мутахассиси дорои салоҳиятҳои забонӣ, маърифатӣ ва коммуникативӣ ва, аз ҷониби дигар, нокифоя будани таҳқиқоти махсуси лингводидактикӣ оид ба ташаккули маҷмӯии чунин салоҳиятҳо дар байни донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна «Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҳамчун масъалаи

мубрами илмӣ ва амалии лингводидактика арзёбӣ гардида, таҳқиқи он барои такмили назария ва амалияи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ имкониятҳои фарох ва заминаи мусоидро барои таҳия ва татбиқи методикаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва низоми самарабахши кор оид ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯён фароҳам меорад. Дар ин замина, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад ба такмили мазмун, шакл, усул ва воситаҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ-методии пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус ҳангоми таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ, инчунин дар фаъолияти таълимию методии омӯзгорони забони англисӣ ва курсҳои такмили ихтисоси онҳо истифода шаванд. Маводи таҳияшуда метавонад барои такмили барномаҳои таълимӣ, таҳияи дастурҳои таълимию методӣ ва маводи таълимӣ, инчунин ташкили машғулиятҳои ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ нигаронидашуда заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар рисолаи хеш коркарди Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо такя ба маводи назариявӣ-методӣ, натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар ҷараёни таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии гузаронидашуда ва андешаҳои илмии худ таҳия ва пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими диссертатсия ба шумор меравад.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи рисолаи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 28 январи соли 2026, № 6/1).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашриёҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарраароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии

Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, факултети забонҳои романӣ ва германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
- **Холмуродов Фаридун Раҷабалиевич -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар

- **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмхои педагогӣ,**
**профессор** **Рузиева Лола Толибовна**

**доктори илмхои филологӣ,**
**профессор** **Ҳомидзода Дилмурод**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

21.09.2026